**Тақризи**

**роҳбари илмӣ ба рисолаи Мирзоев Эраҷ Музаффарович дар мавзуи «Воҳидҳои фразеологии феълии ифодакунандаи "ҳаракат" дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – забоншиносӣ (6D021302 – забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)**

Забон худ ифодакунандаи фарҳангу тамаддуни халқ маҳсуб меёбад. Агар аз як тараф равобити густурдаи халқу қавмҳо боиси ғанӣ гардидани таркиби луғавии забон гардад, аз тарафи дигар, қонунҳои дохилии забон ба зиёд шудани миқдори вожагони забон мусоидат мекунад, зеро таркиби луғавии ҳар як забон барои ифодаи матлаби гӯянда имконоти васеъ дорад. Таркиби луғавии забонро дар қатори вожаву истилоҳот боз воҳидҳои фразеологиву ибораҳои рехта, ки тавассути онҳо фикру андеша мушаххасу муҷаз баён мегардад, пурра менамояд. Зебоиву назокати забон, пеш аз ҳама, дар осори манзуму мансур ва таълифоти бадеиву публисистӣ ба чашм мерасад.

Фразеология ҳамчун бахше аз илмҳои забоншиносӣ, ки ба таҳқиқи илмии таркибҳои устувори забон ва ибораҳои дорои маънои яклухт ихтисос дода мешавад, бо табиати печидаву мураккаби худ, қариб бо ҳамаи бахшҳои забоншиносӣ (вожашиносӣ, сарф, наҳв) робитаи зич дорад. Аломату хусусиятҳои онҳо танҳо дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ равшан мегардад.

Таҳқиқ, муқоиса, омӯзиш ва баррасии ин ё он ҷанбаи забон яке аз он масъалаҳои мубрами забоншиносии муқоисавӣ маҳсуб меёбад. Муҳаққиқон то ба имрӯз ба таҳқиқу пажӯҳиши масъалаҳои мухталифи луғатшиносиву савтиёт ва сарфу наҳв даст зада бошанд, ҳам баъзе аз масъалаҳои фразеология, яъне воҳидҳои фразеологии феълии ифодакунандаи "ҳаракат" аз лиҳози муқоисаву муқобала аз назари эшон дур мондааст.

Рисолае, ки диссертант Мирзоев Эраҷ Музаффарович ба таҳқиқи он даст задааст «Воҳидҳои фразеологии феълии ифодакунандаи “ҳаракат” дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» унвон дошта, дар он хусусиятҳои сохториву маъноии воҳидҳои фразеологии феълии ифодакунандаи мафҳуми “ҳаракат” дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар заминаи осори мансур ва фарҳангҳои фразеологӣ мавриди таҳқиқи илмӣ қарор мегирад.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат аст.

Боби якуми рисола “Асосҳои назариявии омӯзиши воҳидҳои фразеологӣ” ном гирифта, дар он «фразеология ҳамчун илми мустақил», «воҳидҳои фразеологӣ», «феълҳои таркибӣ ҳамчун як ҷузъи фразеологизмҳои феълӣ», «истилоҳҳои «консепт», «феъл», «ҳаракат» дар забоншиносӣ» мавриди таҳлилу тасниф ва баррасӣ гирифтаанд.

Муаҳаққиқ нахуст андешаҳояро роҷеъ ба пажӯҳиши воҳидҳои фразеологӣ дар забонҳои тоҷикиву англисӣ аз тарафи забоншиносони ватаниву хориҷӣ баён намуда, сипас ба таҳқиқи воҳидҳои фразеологии феълии ифодакунандаи мафҳуми “ҳаракат” даст мезанад.

Дар боби дуюми рисола “Хусусиятҳои сохторию грамматикии воҳидҳои фразеологии феълии ифодакунандаи “ҳаракат” дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ” диссертант вижагиҳои сохторӣ ва навъҳои воҳидҳои фразеологӣ, хусусиятҳои сохторию грамматикии воҳидҳои фразеологии феълҳои ифодакунандаи “ҳаракат” ва таснифоти сохтори воҳидҳои фразеологии феълии ифодакунандаи “ҳаракат” дар забонҳои тоҷикӣ ва англисиро аз нигоҳи муқоиса ва муқобала мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст

Дар боби сеюми рисола “Хусусиятҳои луғавию-маъноии воҳидҳои фразеологии ифодакунандаи мафҳуми ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ” муаллиф гурӯҳҳои семантикии воҳидҳои фразеологӣ, падидаи маҷозшавии воҳидҳои фразеологии феълии ифодакунандаи мафҳуми

“ҳаракат”, инчунин мафҳуми ҳаракат дар воҳидҳои фразеологии феълӣ дар тасвири забонии ҷаҳонро дар заминаи андешаи забоншиносон таҳқиқ намуда, андешаҳояшро роҷеъ ба ин масъала бо далелҳо возеҳ баён намудааст.

Мавод ва нуктаҳои асосии диссертатсия дар конфренсияҳои ҷумҳуриявиву байналмилалӣ пешниҳод шудаанд ва диссертант муаллифи 6 мақолаи илмӣ аст, ки аз онҳо 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи шомили феҳристи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

Мазмун ва муҳтавои рисола арзиши баланди илмӣ дошта, муҳаққиқ ҳамаи масъалаҳои дар рисола матраҳшавандаро бо як тартиби муайян дастабандӣ намудааст.

Хулоса, рисолаи диссертант Мирзоев Эраҷ Музаффарович дар мавзуи «Воҳидҳои фразеологии феълии ифодакунандаи “ҳаракат” дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» кори илмии анҷомёфта буда, онро ба ҳимоя тавсия менамоям.

Роҳбари илмӣ: доктори илми филология,
профессори кафедраи забоншиносӣ ва типологияи
муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ Ҷаматов Самиддин Салоҳиддинович

Суроға: ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121, 734003
Тел.: +992 935 281 020 ; e-mail: jsamiddin@mail.ru

Имзои Ҷаматов Самиддин Салоҳиддиновичро тасдиқ мекунам.

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ, Мустафозода Абдукарим

05. 02. 2024 с.